Тақризи

**мушовири илмӣ дар бораи фаъолияти илмии унвонҷӯ Сайдализода Саидвали Файзалӣ ва пешниҳоди рисола дар мавзӯи «Танзими экзогении равандҳои физиологӣ ва фаъолнокии системаҳои антиоксидантии растании *Solanum tuberosum l.* дар шароитҳои стрессӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология, аз рӯи ихтисоси 03.01.05-физиология ва биохимияи растаниҳо**

Сайдализода Саидвали Файзалӣ, хатмкардаи ДМТ мебошад, ки баъди хатми донишгоҳ аз соли 2012 то ҳол дар кафедраи физиологияи растаниҳо ва биотехнологияи факултети биологияи Донишогҳи миллии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Сайдализода С.Ф. доир ба мавзӯи илмӣ-тадқиқотии кафедраи физиологияи растаниҳо ва биотехнологияи факултети биологияи ДМТ дар мавзӯи «Механизмҳои физиологӣ-биохимиявии тобоварии растаниҳо ба омилҳои стрессорӣ» шавқу мароми хосса пайдо намуда, барои амалан машғул шудан ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ камари ҳиммат баст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Сайдализода С.Ф. ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи яке аз соҳаҳои биология бахшида шудааст. Иҷроиши корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз ҷониби унвонҷӯ дар сатҳи баланди касбият ва омӯзишу истифодабарии усулҳои муосири тадқиқотҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва биотехнологӣ гузаронида шуд.

Унвонҷӯ Сайдализода С.Ф. дар рафти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ фаъолона ширкат варзида, маҳорати хуби гузаронидани таҷрибаҳоро дорад. Инчунин барои ҷамъоварии маводҳои илмӣ-тадқиқотӣ пайваста кӯшиш менамуд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқот оид ба устувории растаниҳо таҳти таъсири омилҳои экзогенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади таърихӣ ва амалӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои

муаллиф дар конференсияҳои дохиливу хориҷи кишвар инъикоси худро ёфтаанд.

Ҷиҳати мусбати самти тадқиқотии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он яке аз аввалин диссертатсияҳо ба забони давлатӣ дар шакли забони илмии оммафаҳми тоҷикӣ дар самти ихтисосҳои физиология ва биохимияи растаниҳо дар даврони Истиқлолият давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Сайдализода Саидвали Файзалӣ – унвонҷӯи кафедраи физиологияи растаниҳо ва биотехнологияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Танзими экзогении равандҳои физиологӣ ва фаъолнокии системаҳои антиоксидантии растании *Solanum tuberosum l.* дар шароитҳои стрессӣ» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.05 – физиология ва биохимияи растаниҳо мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои биология, узви
вобастаи АИ ҶТ, мудири озмоишгоҳи биологияи
молекулавӣ ва биотехнологияи растаниҳо /____________/ Алиев Қ.

Имзои Қ. Алиевро тасдиқ мекунам,
нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растаниҳои АИ ҶТ /____________/ Умарова Н.С.

Подпись ____________
ЗАВЕРЯЮ
Ст. инспектор ____________
„03" 06 2019 г.